Замимаи 1
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» ______соли 2014
№ ____ тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
## хадамоти мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Хадамоти мудофиаи граждан̣ӣ (минбаъд - хадамот) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи граждан̣ӣ» барои гузаронидани чорабиниҳои муҳандисию техникӣ, тиббӣ ва дигар чорабиниҳои махсуси мудофиаи граждан̣ӣ ва барои ин омода намудани қувваю воситаҳо, инчунин барои таъмини омодагии ҷузъу томҳо, таъсис дода мешаванд.

2. Хадамот вазифаҳои худро дар тамоми марҳилаҳои фаъолияти мудофиаи граждан̣ӣ дар замони осоишта ва дар давраи ҷанг, дар ҳолатҳои таҳдиди ҳуҷуми душман, гузаронидани чорабиниҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир дар манотиқи зарардида, иҷро менамояд.

3. Роҳбарии умумии хадамоти мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - сардори мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешавад.

4. Роҳбарии бевоситаи хадамоти мудофиаи граждан̣ӣ дар вазорату ташкилотҳо ва идораҳо аз тарафи вазирон, роҳбарони идораҳою ташкилотҳо, ки дар айни замони сардори мудофиаи граждании ин вазорату идораҳо ва ташкилот мебошанд, дар заминаи онҳо хадамоти мудофиаи граждан̣ӣ ташкил карда шудааст, сурат мегирад.

5. Масъулияти омодагии хадамоти мудофиаи граждан̣ӣ ба зиммаи роҳбарони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои зикрёфта вогузошта мешавад.

## 2. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ХАДАМОТИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ

6. Хадамоти хабардоркунӣ ва алоқа – дар заминаи Хадамоти алоқаи назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва сохторхои таркибии он таъсис дода шудааст.

7. Сардори хадамоти хабардоркунӣ ва алоқа – Сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон мебошад.

8. Хадамот дар якҷоягӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкатҳои мобилии худудӣ ҷумҳурӣ

барои таъмин намудани мақомоти идораи мудофиаи гражданӣ бо алоқа дар замони осоишта ва давраи ҷанг, ташкил намудан ва ба таҳти назорат гирифтани тамоми воситаҳои марбути алоқаи ситоди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, инчунин таъмини омодагии доимии воситаҳои алоқа, ташкил намудани таъминоти техникӣ, қабул ва иттилои бонги хабардоркунӣ бо нишондоди ситоди мудофиаи гражданӣи дахлдорро таъмин менамоянд.

9. Хадамоти тиббӣ- дар заминаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои таркибии он таъсис дода шудааст.

10. Сардори хадамоти тиббӣ – Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

11. Вазифаи асосии хадамоти тиббӣ – дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои тиббӣ мудофиаи гражданӣ, ташкил ва амалӣ намудани чорабиниҳои табобатӣ- эвакуатсионӣ, санитарию беҳдоштӣ ва зидди эпидемиявӣ, ки аз нигоҳдоштани саломатии ахолӣ, хайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ ва қисмҳои мудофиаи гражданӣ иборат буда, инчунин аз расонидани ёрии саривақтии тиббӣ ба зарардидагон, бо мақсади табобати онҳо ва баргардониданӣ онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ, кам намудани миқдори маъюбону фавтидагон ва пешгирӣ намудани пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сирояткунанда равона шудааст.

12. Хадамоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ- дар заминаи ҷузъу том ва мақомоти идоракунандаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

13. Сардори хадамоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ – Вазири корҳои дохилии Ҷумхурии Тоҷикистон мебошад.

14. Хадамот ҷиҳати нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии амалҳои террористӣ ва экстримистӣ дар шаҳрҳо ва дигар нуқтаҳои ахолинишин, дар иншоотҳои иқтисодӣ, мавзеҳои зарардида, роҳҳо ва барои ташкил намудани хадамоти комендантӣ муқаррар карда шуааст.

15. Хадамоти оташнишонӣ - дар Сарраёсати давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоту қисмҳои он таъсис дода мешавад.

16. Сардори хадамот – Сардори Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумхурии Точикистон мебошад.

17. Вазифаи асосии хадамот гузаронидани назорат оид ба иҷрои саривақтии чорабиниҳои техникӣ, ташкилӣ ва пешгирии сӯхтор, ки бо баланд бардоштани устувории зиддисӯхтории шаҳру дигар нуқтаҳои аҳолинишин, иншоотҳои иқтисодӣ, пешгирӣ ва хомӯшкунии сӯхтор дар вақти гузаронидани корҳои наҷотдихӣ ва дигар корҳои таърихнопазир дар манбаҳои зарардида, дар ноҳияҳои аз офати табиӣ ва техногенӣ зарардида, инчунин дар натиҷаи рӯх додани садамаҳо ва фалокатҳои калон иборат мебошад.

18. Хадамоти нақлиёт ва роҳ – дар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои тобеи он таъсис дода шудааст.

19. Сардори хадамоти нақлиёт ва роҳ – Вазири нақлиёти Ҷумхурии Тоҷикистон мебошад.

20. Хадамот дар якҷоягӣ бо мақомоти нақлиёти роҳи оҳан ва нақлиёти ҳавоӣ таъмини ҳамлу нақли масолеҳ барои сохтмонӣ иншоотҳои муҳофизатӣ, ҷобаҷокунӣ ва эвакуатсияи аҳолӣ, бурдан ва овардани одамон аз басти корӣ, ба ҷойи бехавф баровардани молҳои қиматбаҳо, таҷҳизоти нодир, хӯрока ва дигар ашёҳо, ба минтақаҳои зарардида расонидани қувва ва воситаҳо ҳангоми иҷрои корҳои наҷотдиҳию таъхирнопазир, инчунин аз ин минтақаҳо баровардани аҳолии зарардидаро таъмин менамояд.

21. Хадамоти коммуналӣ-техникӣ - дар Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» таъсис дода мешавад.

22. Сардори хадамоти коммуналӣ-техникӣ - Директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» мебошад.

23. Хадамот ҷиҳати ҳифзи аҳолӣ ва иншоотхои иқтисодӣ чорабиниҳо оид ба устувории кори шабакаҳои хоҷагии коммуналии шаҳрию ноҳиявиро ташкил дода, мегузаронад, инчунин барои бартараф намудани садамаҳои шабакаҳои хоҷагии коммуналӣ, рафъи моддаҳои заҳрнок ва нест кардани микробхои сирояткунанда дар манотиқи зарардида, иншоотҳои гуногун, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт тадбирҳои зарури меандешад.

24. Хадамоти муҳандисӣ – дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

25. Сардори хадамоти муҳандисӣ– Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

26. Хадамот ҷиҳати ташкил намудан ва зери назорат гирифтани фондҳои захиравии иншоотҳои муҳофизатӣ дар замони осоишта ва давраи ҷанг, таҳия ва дар амал татбиқ намудани нақшаҳои сохтмони бо суръати фондҳои нокифояи захиравии иншоотҳои мухофизатӣ дар замони осоишта ва давраи ҷанг, ташкил ва омода намудани қисмҳои дахлдори хадамот барои гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир, инчунин таъминоти муҳандисии нерӯҳои мудофиаи гражданӣ дар маҳалли ҷойгиршавӣ, ҳангоми харакат ба сӯи маҳаллҳои зарардида ва иншоотхои корӣ иборат мебошад. Дар замони осоишта қувваи хадамот барои гузаронидан ва таъмини корҳои муҳандисӣ бар зидди сӯхторҳои ҷангалҳо, бартараф намудани оқибатҳои офатхои табиӣ, садамаҳо ва фалокатҳои калон равона шуда метавонад.

27. Хадамоти озуқа, сӯзишворӣ ва таъминоти моддӣ-техникӣ - дар Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

28. Сардори хадамоти озуқа, сӯзишворӣ ва таъминоти моддӣ-техникӣ – Директории Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

29. Хадамот барои таҳия ва амалӣ сохтани чорабиниҳо оид ба ҳифзи захираи озӯқа ва молҳои ниёзи мардум, ташкил намудани захираҳои моддӣ дар паноҳгоҳ ва нуқтаҳои идоракунӣ, аҳолии

эвакуатсияшуда ва ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, шахсони дар маҳалҳои зарардида ва шахсони зарардидаи дар отрядҳои ёрии аввалини тиббӣ бударо бо маводи озуқа таъмин намудан ва барои таъмини нуқтаҳои махсуси коркарди санитарӣ ва отрядҳои ёрии аввали тиббӣ бо пойафзол ва сару либос фаъолият мекунад.

30. Инчунин хадамот дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ барои таъмин намудани нақлиёт ва дигар техникаю механизмҳо бо сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, ки барои гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ сафарбар шудаанд, фаъолият менамояд ва барои амалӣ намудани ин мақсад нуқтаҳои доимӣ ва сайёри таъмини сӯзишвориро истифода мебаранд.

31. Дар баробари ин вазифаи асосии хадамот аз маблағгузорӣ, таъминот бо воситаҳои моддӣ-техникӣ ва масолеҳи сохтмонӣ, ки барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва иншоотҳои иқтисодӣ заруранд, бо моддаҳои безараргардонӣ, инчунин ҷузъу томҳоро бо лавозимоти корӣ ва сару либосҳои махсус таъмин намудан, иборат мебошад.

32. Хадамоти ҳифзи ҳайвонот ва набототт – дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои таркибии он таъсис дода шудааст.

33. Сардори хадамоти ҳифзи ҳайвонот ва набототт - Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

34. Хадамот ҷиҳати таъмини фаъолияти устувори истеҳсолоти кишоварзӣ дар давраи ҷанг бо гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи ҳайвонот, набототт, манбаҳои оби нӯшокӣ, хӯроки чорво дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дар иншооти он амал мекунад. Дар давраи ҷанг коркарди ветеринарӣ ва табобати чорвои зарардида, безарар гардонидани заминҳои кишт, чарогоҳҳо ва маҳсулоти чорводорӣ ва растани парвариро анҷом медиҳад.

35. Хадамоти энергетикӣ - дар Ширкати саҳомию холдинги кушодаи «Барқи Тоҷик» таъсис дода мешавад.

36. Сардори хадамоти энергетикӣ – Раиси Ширкати саҳомию холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» мебошад.

37. Хадамот устувории кори шабакаҳои энергетикиро дар давраи ҷанг таъмин менамояд ва ҷиҳати бартараф намуданӣ садамаҳо дар шабакаҳои барқӣ ва хатти интиқоли барқ, кори манбаҳои автономии барқӣ ва фаъолияти ҷузъу томҳоро ҳангоми гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ дар минтақаҳои зарардида таъмин намуда, дар таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба пинҳонкунии равшании иншооти иқтисодии шаҳрҳо ва нуқтаҳои аҳолинишин иштирок мекунад.

38. Хадамоти муҳофизат аз селҳо ва корҳои сохилмустаҳкамкунӣ - дар Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

39. Сардори хадамоти муҳофизат аз селҳо ва корҳои соҳилмустахкамкунӣ–Директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон мебошад.

40. Хадамот чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ оид ба муҳофизат аз селҳо ва корҳои соҳилмустаҳкамкуниро мегузаронад. Ба зиммаи он ташкил ва иҷрои корҳои таъмирию барқароркунӣ дар минтақаи рӯх додани ҳолатҳои фавқулодда, гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар минтақаҳои асосии дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, каналҳо ва заҳкашҳо, иҷрои корҳо ҷиҳати нигоҳ доштан ва ба дигар тараф ҷорӣ намудан ва дар як ҷо ҷамъ намудани обҳои ҷоришаванда ва ҷараёнҳои селӣ, мустаҳкам намудани иншоотҳои муҳофизатӣ, обнигоҳдорӣ, гидротехникӣ ва сарбандҳо иборат мебошад.